# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

16 ноябри соли 2022
Чоршанбе
№ 92 (14896)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


*Таълиму тарбия барои мо масъалаи муҳим аст, бахту саодати мо, ҳаёт ва мамоти мо аз ҳаллу фасли он вобаста мебошад.*

*Аз суханронии Президент Ш. Мирзиёев дар конфронси ҷаҳонӣ оид ба тарбия ва таълими кўдакони хурдсол.*

# ОИД БА ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ БА МИЁН ГУЗОШТА ШУДАНД

## Дар шаҳри Тошканд Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба тарбия ва таълими кўдакони хурдсол баргузор шуд.




15 ноябр дар ифтитоҳи конфронс Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок кард.

Конфронс ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муайян кардани сиёсат дар соҳаи таълими томактабӣ то соли 2030 нигаронда шудааст. Дар кори он директори генералии ЮНЕСКО Одри Азуле, вазирону намояндагони қариб 150 кишвар, шахсони расмии созмонҳои байналмилалӣ иштирок карданд.

Сарвари давлатамон дар оғози суханронии худ ба вазъи таълиму тарбияи хурдсолон дар ҷаҳон дахл намуда, қайд кард, ки миллионҳо кўдакон ба таълими ибтидоӣ дастрасии маҳдуд доранд, мутахассисони соҳаро зарур аст, ки барои фарогирии он саъю кўшишро муттаҳид намоянд. Таъкид гардид, ки самти афзалиятноки сиёсат дар Ўзбекистон фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолии кишварамон дар асоси тамоюли «Шаъну шараф, ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон арзиши олитарин» муайян шудааст.

– Ба ин муносибат мо, пеш аз ҳама, ба зоҳир намудани таваҷҷуҳу ғамхорӣ нисбати ҷавонону кўдакон, тарбияи ҷисмонӣ ва маънавии онҳо аҳамияти хосса медиҳем.

Кўдаконро аз хурдсолӣ ба воя расонда, барои таълими онҳо шароити мусоид фароҳам оварда, мо барои худтатбиққунии ҳамаҷонибаи ҷавонон дар оянда заминаи мустаҳкам фароҳам меорем. Зеро, сармояҳои ба мақсадҳои мазкури наҷиб харҷ шуда, бешубҳа, фардо чанд баробар зиёд шуда бармегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ҳатто дар гузаштаи наздик дар мамлакати мо дараҷаи ба муассисаҳои таълими томактабӣ фаро гирифтани бачагон ҳамагӣ 27 фоизро ташкил медод. Амалан дар ҳамаи муассисаҳои таълими томактабӣ технологияҳои замонавӣ ва аёниятҳои таълимӣ мавҷуд набуданд, биноҳои онҳо ба таъмир эҳтиёҷ доштанд.

Аз ин рў, сарвари давлатамон ба ин зинаи низоми таълим таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, сиёсати тарбияи авлоди баркамолро айнан аз хурдӣ муайян намуд. Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 30 сентябри соли 2017 Вазорати таълими томактабӣ таъсис дода шуд. Дар бобати сохтмон ва таъмири боғчаҳои бачагона, ҷорӣ кардани шаклу усулҳои пешқадами таълим корҳои васеъмиқёс оғоз ёфтанд.

Барои иштироки фаъолонаи сектори хусусӣ дар ин раванд шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ба ҳар як тарбиягирандаи кўдакистонҳо аз ҳисоби буҷаи давлатӣ субсид дода мешавад. Дар нуқтаҳои аҳолинишини дурдаст ва душворгузар ҳазорҳо боғчаҳои бачагонаи оилавӣ ташкил карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ИМКОНОТИ НАВИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД МУҲОКИМА ГАРДИД

***15 ноябр дар доираи барномаи Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои тарбия ва таълими кўдакони хурдсол, ки дар Тошканд баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Директори генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои таълим, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) Одри Азуле мулоқот анҷом дод.***



Ҷанбаҳои амалии тавсеаи ҳамкориҳои созанда ва судманди Ўзбекистон бо ин институти бонуфузи низоми СММ баррасӣ шуд.

Сатҳи замонавии ҳамкории судманд бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Мувофиқи Барномаи кишварӣ ва «Харитаи роҳ»-и қабулшуда барнома ва лоиҳаҳои муштарак амалӣ карда мешаванд.

Кишвари мо бори нахуст узви Кумитаи байналмилалӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ интихоб шуд. Санъати «Бахшӣ» ва рақси «Лазгӣ» ба феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддӣ дохил карда шуданд.

Кумитаи байналмилалии машваратӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи объектҳои мероси таърихӣ дар Ўзбекистон ва «Раванди Хева» оид ба ҳамкории минтақавии башардўстӣ ба кор сар кард.

ЮНЕСКО инчунин барои инкишоф додани низоми таълими касбӣ дар деҳоти мамлакат ёрии техникӣ мерасонад.

Ба ғайр аз ин, оид ба самтҳои устувори ҳамкорӣ чорабиниҳои муштарак баргузор карда мешаванд.

Зимни вохўрӣ Директори генералӣ Одри Азуле ба ислоҳоте, ки дар Ўзбекистон дар соҳаи дастгирии ҷавонон, тарбия ва таълими кўдакон татбиқ мегарданд, баҳои баланд дод, инчунин таъкид намуд, ки онҳо дар муқоисаи байналмилалӣ самарабахштарин маҳсуб мeёбанд.

Ў ба муносибати бомуваффақият гузарондани конфронси байналхалқии Тошканд оид ба масъалаҳои рушди таълими томактабӣ муборакбод намуд.

Ба татбиқи амалии Барномаи нави кишварӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Дар бораи ифтитоҳи Маркази ЮНЕСКО дар Тошканд, инчунин омода ва қабули «Харитаи роҳ»-и нав барои пешбурди ташаббусҳои муштарак ва лоиҳаҳои пешқадами ҳамкории судманд ба мувофиқа расиданд.

**ЎзА.**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ КУШОДАШАВИИ КОНФРОНСИ УМУМИҶАҲОНӢ ОИД БА ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМИ КЎДАКОНИ ХУРДСОЛ

Муҳтарам иштирокдорони конфронс!

Хонумон ва ҷанобҳо!

Шуморо бо кушодашавии Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба тарбия ва таълими кўдакони хурдсол дар Тошканд аз таҳти дил муборакбод менамоям. Ба меҳмонони олиқадри мо, сарони созмонҳои байналхалқӣ, вазирон ва шахсони масъули давлатҳои хориҷӣ, ки дар конфронси байналхалқӣ иштирок доранд, аз таҳти дил миннатдорӣ ва орзуҳои беҳтарини худро ирсол мекунам.

Ба Ўзбекистон хуш омадед, меҳмонони муҳтарам!

Дўстони азиз!

Хеле хушоянд аст, ки дар маросими кушодашавии конфронси байналхалқӣ шахсан Директори генералии ЮНЕСКО хонум Одри Азуле иштирок мекунад.

Солҳои охир ҳамкории мо бо ЮНЕСКО дар соҳаҳои таълим, илм, мероси фарҳангӣ, ахбор ва коммуникатсияҳо зуд ривоҷ меёбад. Аз ҷумла, бо дастгирии Созмон як қатор барнома ва лоиҳаҳои муҳим бобати дар кишвари мо ҳифз кардани иншооти мероси умумиҷаҳонии фарҳангӣ, барқарор намудани робитаҳои маданӣ, ки дар Шоҳроҳи абрешими куҳан мавҷуд буданд, баланд бардоштани сифати низоми таълим ва тарбияи насли пешқадам, ташаккул додани донишҳои касбии ҷавонони Ўзбекистон амалӣ мешаванд.

Аз фурсат истифода бурда, меҳоҳам ба хонум Азуле ва тамоми шарикони хориҷии мо барои саҳмашон дар ин кори муҳиму нек миннатдорӣ баён намоям.

Муҳтарам иштирокдорони конфронс!

Ҳеҷ кас инкор намекунад, ки алҳол дар тамоми ҷаҳон як қатор мушкилот бобати таъмин сохтани кўдакони хурдсол бо таълими босифати томактабӣ вуҷуд дорад. Дар бисёр мамлакатҳо тақрибан 200 миллион кўдакон бо таълими томактабӣ фаро гирифта нашудаанд, дар натиҷа дастёбии онҳо ба таълими ибтидоӣ маҳдуд мегардад.

Пўшида нест, ки тўли чанд соли охире, ки пандемияи коронавирус идома дорад, ба соҳаи мазкур таъсири зиёди манфӣ расонд. Даврони озмоишҳои мураккаб равшан собит месозад, ки барои тамоми мамлакатҳо ба роҳ мондани ҳамкории амиқ, ҳаллу фасл намудани мушкилот, бо муттаҳид сохтани саъю кўшиши халқҳои мо чӣ гуна муҳим мебошад.

Муътақидам, ки конфронси кунунӣ ба коркарди муштараконаи муносибатҳои нави масъалаи таълими кўдакон ҳамчун самти муҳими Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат хоҳад кард.

Дўстони азиз!

Ба тамоюли «Инсон, шаъну шараф ва ҳуқуқу манфиатҳои ў арзиши олитарин ба шумор меравад» такя карда, самти бартариноки сиёсати Ўзбекистони Навро мо фароҳам овардани шароитҳои мусоиди ҳаёт барои аҳолии кишварамон муайян намудем.

Вобаста ба ин, мо пеш аз ҳама, ба зуҳуроти эътибору ғамхорӣ ба ҷавонон ва бачагон, тарбияи ҷисмонӣ ва маънавии онҳо эътибори махсус медиҳем.

Кўдаконро аз синни хурдӣ тарбия карда, барои таълими онҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварда, мо баҳри дар оянда ҳамаҷониба худро зоҳир кардани онҳо асоси мустаҳкам мегузорем. Зеро сармояҳое, ки барои муваффақ шудан ба ин мақсади нек нигаронида шудаанд, шубҳае нест, ки натиҷаҳои чандин карат беҳтар хоҳанд дод.

Ҳамаи мо медонем, ки асоси шахсияти кўдак дар синну соли томактабӣ ташаккул меёбад, маҳз дар ин давра пояи рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии ў гузошта мешавад.

**Ҳоли ҳозир дар мамлакати мо тақрибан 3 миллион кўдакони синни томактабӣ мавҷуданд. Шубҳае нест, ки онҳо сарвати бузургтарин, бунёдгузорони ҳаёти озоду фаровон ваояндаи мо ба шумор мераванд.**

(Давомаш дар саҳ.2).

# ЧОРАБИНИҲО ОИД БА СОДА НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи корҳои ҷорӣ оид ба сода намудани фаъолияти соҳибкорӣ маълумот пешниҳод гардид.***

Рушди соҳибкорӣ самти бартариноки сиёсати иқтисодии мамлакатамон ба шумор меравад. Ба туфайли шароите, ки ба вуҷуд оварда шудааст, миқдори соҳибкорон зиёд мегардад. Беш аз ними маҷмўи маҳсулоти миллии дохилӣ аз ҷониби воҳидҳои соҳибкории хурд ба вуҷуд оварда мешавад. Онҳо дар содирот низ саҳми зиёд доранд.

Имрўз беш аз 6 ҳазор ҳуҷҷати меъёрӣ ва 40 ҳазор техникӣ вуҷуд дорад, ки фаъолияти тиҷоратиро ба тартиб меандозанд. Баъзе талабҳои куҳнашуда татбиқи маҳсулоти нав, технология ва хидматрасониро мушкил мегардонанд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо оид ба сода намудани танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ» бинобар Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи рушд дар «Соли таъмини манфиати инсон ва маҳаллаи фаъол» талаботе таҷдиди назар гардид, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити имрўз мамониат менамояд ва чандин роҳи сабуксозии он ҷорӣ гардид.

Аз он ҷумла, воситаҳои танзими давлатии соҳибкорӣ муайян карда шуданд. Ин сабти номи давлатӣ, литсензиягирӣ, тартиби иҷозатгирӣ, танзими техникӣ, тариф ва ғайритариф, бимаи ҳатмӣ, назорати давлатӣ, ҳимояи рақобат, муқаррар намудани масъулият мебошад.

Дар асоси таҳлил бисёр талабот бекор карда шуд. Барои мисол, чунин ҷараёнҳо мисли ба тарзи хаттӣ хабардор намудани кредиторҳо ҳангоми коҳиш додани сармояи аслии субъектҳои хоҷагидорӣ, боздоштани интиқоли электроэнергия зимни истеъмоли бештар аз ҳаҷм, ба руйхатгирии кормандоне, ки аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ба кор ҷалб гаштаанд, дар номгўйи алоҳида дар мақомоти андоз ташвиши зиёд дорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ КУШОДАШАВИИ КОНФРОНСИ УМУМИҶАҲОНӢ ОИД БА ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМИ КЎДАКОНИ ХУРДСОЛ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бояд таъкид кард, ки ҳанўз дар гузаштаи наздик нишондиҳандаи фарогирӣ бо таълими томактабии кўдакон дар кишвари мо танҳо 27 фоизро ташкил медод. Тақрибан дар тамоми боғчаҳои бачагона технологияҳои замонавӣ ва аёниятҳои таълимӣ набуданд, биноҳои онҳо ба таъмир эҳтиёҷ доштанд. Ин ба таълиму тарбияи ҳамаҷонибаю хушсифат дастёбии фарзандони моро маҳдуд мекард.

Вале нақш ва моҳияти низоми таълими томактабиро, ки ҳалқаи асоситарин дар тарбияи фарзандони мо ба шумор меравад, ба ҳеҷ чиз қиёс кардан мумкин нест.

Мо аз рўзҳои аввали ислоҳот қарор додем, ки соҳаи таълими мавҷуда, аз ҷумла ҳалқаи томактабии онро куллан навсозӣ кунем. Бо ин мақсад дар таърихи мамлакати мо бори аввал Вазорати таълими томактабӣ таъсис дода шуд.

Мо барои мувофиқи талаботи давр ба дараҷаи нав баланд бардоштани кўдакистонҳо, васеъ истифода бурдани усулҳои пешқадами тарбия, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву таълимии онҳо эътибори зиёд медиҳем.

Ба мақсади ҳамаҷониба инкишоф додани соҳа мо ҳамчунин барои иштироки фаъоли сектори хусусӣ дар ҷараёни мазкур шароити мусоид фароҳам овардем. Ба кўдакистонҳо барои ҳар кадом тарбиягиранда аз ҷониби Буҷаи давлатӣ субсидияҳо пешниҳод карда мешавад.

Тўли солҳои охир миқдори кўдакистонҳо дар мамлакати мо 6 баробар афзуд. Дар нуқтаҳои аҳолинишини дурдаст ва душворгузар ҳазорҳо боғчаҳои бачагонаи оилавӣ ташкил карда шуданд. Миқдори мураббиён ва омўзгорон 3 баробар афзуда, ба 160 ҳазор нафар расид. Ҳамчунин кор бобати мустақимона баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои педагогӣ ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷаи чорабиниҳои мазкур миқдори бачагоне, ки дар кўдакистонҳо таълиму тарбия мегиранд, аз 600 ҳазор то ба 2 миллион нафар афзуда, фарогирии онҳо 70 фоизро ташкил дод.

Муҳтарам иштирокдорони конфронс!

Як ҳикмати маъруфи хирадмандона ҳаст: **«Таълиму тарбия охир надорад».**

Бино бар ҳамин, мо дар ҷараёни ислоҳоти демократӣ дар Ўзбекистон ба ҷорӣ кардани низоми таълим дар сатҳи талаботи замонавӣ бартарӣ медиҳем.

Аз ҷумла, ҳоли ҳозир дар кишвари мо беш аз 10 ҳазор мактабҳои таълими ҳамагонӣ амал мекунанд.

Тўли солҳои охир миқдори муассисаҳои таълими олӣ анқариб 2,5 баробар афзуда, ба 186 адад расид. Дар байни онҳо 31 филиалҳои донишгоҳ ва донишкадаҳои машҳури ҷаҳон мебошанд. Бояд таъкид кард, ки квотаи қабул ба мактабҳои олӣ 3,5 баробар зиёд гардид, фарогирӣ бо маълумоти олӣ бошад, аз 9 ба 38 фоиз афзуд.

Тавре ки маълум аст, кишвари мо дар чорроҳаи Шоҳроҳи абрешим қарор дорад ва аз қадимулайём дар рушди тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми сазовор мегузорад.

Олимони машҳури мо Ал-Хоразмӣ, ки мафҳуми алгебра ва алгоритмро кашф кардааст, Ал-Берунӣ, ки асоси минералшиносиро гузоштааст, Ибни Сино олим ва табиби номӣ, ки дар тамоми олам ҳамчун Авитсенна машҳур гардидааст, Мирзо Улуғбек нуҷумшиноси бузург, ки мавқеъ ва ҳаракати ҳазору ҳаждаҳ ситораро дақиқ муайян кардааст, Аҳмади Фарғонӣ, ки асбоби нодири ченкунии сатҳи дарёи Нилро кашф намудааст, дар асрҳои миёна бо асарҳои бебаҳои худ, бо кашфиёти илмӣ ва эҷодиашон ба рушди Эҳёи Якум ва Дуюми Шарқ саҳми беқиёс гузоштаанд.

Бояд махсус таъкид сохт, ки дар гузашта дар Бухоро беш аз 300 ва дар Самарқанд тақрибан 120 мадраса амал мекарданд, ки донишгоҳҳои замони худ буданд.

Аз қадимулайём дар кишвари мо баробари таълим ба тарбия низ аҳамияти бузург дода мешуд. Маълум аст, ки шоир ва мутафаккири бузурги ўзбек Алишери Навоӣ ғояи тарбияи инсони аз ҳар ҷониб комилу дорои дониш ва маънавияти олиро тарғиб кардааст.

Суханони Абдулло Авлонӣ, маорифпарвар ва адиби шинохта, омўзгори оғози асри XX: **«Таълиму тарбия барои мо масъалаи муҳим аст, бахту саодати мо, ҳаёт ва мамоти мо аз ҳаллу фасли он вобаста мебошад»** барои мо имрўз низ барномаи муҳим маҳсуб меёбад.

Мо масъалаи сохтмони асоси Эҳёи Сеюмро дар мамлакатамон ба сифати вазифаи стратегӣ пеш гузоштаем ва онро то ба дараҷаи ғояи миллӣ мерасонем.

Низоми таълими томактабӣ, мактабӣ, олӣ ва миёнаи махсус, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ – ин чаҳор ҳалқаи баҳамдигар вобастаи Эҳёи оянда мебошанд. Мураббиёни кўдакистонҳо, муаллимони мактабҳо, профессорону омўзгорон, зиёини илмӣ ва эҷодиро мо чаҳор сутуни муҳим бобати ташаккул додани даврони Эҳёи нав меҳисобем.

Аз ин нуқтаи назар мо таҷрибаи миллии худ ва комёбиҳои беҳтарини ҷаҳонро ҳамоҳанг менамоем.

Дар ҷамъияте, ки таълиму тарбия инкишоф меёбад, бешубҳа, дониш, маданият ва пешрафт ҳукм меронад. Дар он ҳеҷ гоҳ радикализм ва экстремизм реша намедавонанд.

Мо мустақимона кори худро идома медиҳем ва тамоми чораҳои заруриро меандешем, ки то соли 2025-ум 80 фоизи фарзандони худро бо таълими томактабӣ фаро бигирем.

Ғайр аз ин, дар доираи муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид мо дар назди худ вазифа гузоштаем, ки то соли 2025-ум тамоми бачагони шашсоларо бо барномаи тайёркунӣ ба мактаб фаро бигирем.

Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!

Дар конфронси имрўза намояндагони анқариб 150 мамлакати ҷаҳон ширкат меҷўянд, ки шаҳодати равшани аҳамияти ҷаҳонии рушди таълими томактабӣ ба шумор меравад.

Бовар дорам, ки конфронси мазкур барои вусъати минбаъдаи ҳамкориҳои байналхалқӣ бобати мушаххас кардани сиёсат дар соҳаи таълими томактабӣ то соли 2030-юм ва дар пояи он таъмин сохтани таълими босифат барои бачагон имкониятҳои навро боз мекунад. Вобаста ба ин пешниҳоду таклифҳои муҳими зеринро мувофиқи мақсад медонем.

**Якум,** дар замони зудгузари имрўзаи мо, ҳангоме ки таҳдидҳои гуногун торафт пурзўртар мегарданд, кўдакони синни томактабӣ махсусан осебпазиранд.

Бинобар ҳамин ҳам, ҳаллу фасли самарабахши масъалаи таълими босифати кўдакони хурдсол, коркарди қарорҳои муштарак ва муносибатҳои бонизом дар сатҳи ҷаҳонӣ бағоят муҳим мебошанд. Бо дарназардошти ин, мо мунтазам баргузор карданӣ конфронси мазкури байналхалқиро пешниҳод мекунем.

**Дуюм,** муътақидам, ки шумо ташаббуси моро бобати дар Тошканд таъсис додани Маркази минтақавии ЮНЕСКО ба мақсади ҳамоҳангсозии муназзами тамоми саъю кўшишҳои мо дар соҳаи таълим бинобар Ҳадафҳои СММ дар соҳаи рушди устувор дастгирӣ менамоед.

Ғайр аз ин, ман коркарди барномаи маҷмўии татбиқ сохтани пешрафт ва таълими бачагон барои тайёр кардани усулҳои нави таълим ва аёниятҳоро таклиф мекунам.

Ҳамзамон мо ташаббуси созмон додани Ҷамъияти байналхалқии мураббиёнро ба мақсади мубодилаи таҷрибаи пешқадам, усулҳои замонавии интерактивии таълим, дониш ва илмҳои амалӣ дар самти мазкур пешниҳод мекунем.

**Сеюм,** муҳим аст, ки масъалаи вобаста ба тарбия ва таълими кўдакони синни хурдро ба сифати яке аз мавзўъҳои асосии рўзномаи умумии Ҳамоишиояндаи СММ дар соли 2024-ум дохил карда, ба он сессияи алоҳида бахшида шавад.

Бинобар натиҷаи конфронси байналхалқии мо мувофиқи мақсад мебуд баённомаи махсуси Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шавад, ки дар он масъалаи тарбияи бачагон ҳамчун омили муҳими муваффақшавӣ ба пешрафти умумиинсонӣ сабт гардад. Дар ин ҳуҷҷат бояд масъала дар бораи нақши волидайн дар таъминсозии кўдакон бо таълиму тарбияи босифату маънан ва ҷисмонан комил, масъулияти онҳо барои татбиқи пурраи иқтидор ва истеъдоди бачагон инъикос ёбанд.

Муҳтарам хонумон ва ҷанобҳо!

Бовар дорам, ки конфронси кунунӣ дар рўҳи мубоҳисаҳои гарм ва мубодилаи афкор мегузарад, ғоя ва ташаббусҳои нав, таклиф ва тавсияҳои мушаххас коркард мешаванд.

Бешубҳа, Баённомаи Тошканд, ки бинобар натиҷаи конфронс қабул шудааст, ҳамчун асоси саъю кўшишҳои муштараки мо дар самти мазкур хидмат мекунад.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи шумо саломатии мустаҳкам, дар кори конфронс комёбӣ ва муваффақиятҳои бузург орзу менамоям.

Барои эътиборатон ташаккур.

# ОИД БА ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ БА МИЁН ГУЗОШТА ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар натиҷа дар тўли солҳои охир миқдори боғчаҳои бачагона дар кишварамон 6 баробар афзуд. Шумораи мураббиён ва муаллимон 3 баробар афзуда, ба 160 ҳазор нафар расид. Ҳамин тариқ, аз 2 миллиону 800 ҳазор нафар бачаҳо 2 миллионаш бо таълими томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

Сарвари давлатамон инчунин ба масъалаи пай дар пайии наслҳо дар низоми таълим дахл кард. Қайд гардид, ки олимону мутафаккирони бузурге, ки дар мамлакати мо умр ба сар бурдаанд, дар рушди Эҳёи якум ва дуюми Шарқ ҳиссаи калон гузоштаанд.

– Мо масъалаи дар мамлакатамон бунёд намудани таҳкурсии Эҳёи сеюмро ҳамчун вазифаи стратегӣ ба миён гузошта, онро ба дараҷаи ғояи миллӣ мебардорем.

Низоми таълими томактабӣ, мактабӣ, олӣ ва миёнаи махсус, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ – чор зинаи ба ҳам алоқаманди Эҳёи оянда мебошанд. Мураббиёни кўдакистон, муаллимони мактабҳо, профессорон ва омўзгорон, зиёиёни илмию эҷодиро чор рукни муҳимтарини ташаккули давраи нави Эҳё мешуморем, – гуфт Президент.

Дар ин раванд Ўзбекистон аз роҳи ҳамоҳангсозии таҷрибаи миллӣ ва дастовардҳои беҳтарини ҷаҳонӣ пеш меравад. Ин кор бо андешидани тамоми чораҳои зарурӣ идома дода мешавад, то ки дар соли 2025 80 фоизи кўдакон бо таълими томактабӣ фаро гирифта шаванд.

Президенти Ўзбекистон оид ба густариши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳа ташаббусҳои муҳимро пеш гузошт. Аз ҷумла, пешниҳод карда шуд, ки конфронси мазкури байналмилалӣ мунтазам бо мақсади самарабахш ҳаллу фасл намудани мушкилоти таълими хушсифати кўдакони хурдсол дар сатҳи ҷаҳонӣ, таҳияи роҳҳои ҳалли муштараки оперативӣ ва равишҳои системавӣ мунтазам баргузор карда шавад.

Ташаббус оиди дар Тошканд созмон додани Маркази минтақавии ЮНЕСКО ба мақсади ҳамоҳангсозии низомноки саъю кўшиш дар соҳаи таълим мувофиқи Мақсадҳои СММ дар соҳаи рушди устувор пеш гузошта шуд.

Зарурати тартиб додани барномаи маҷмўӣ барои татбиқи лоиҳаҳо ва тадқиқотҳо якҷоя бо Созмони байналмилалӣ оид ба таълими кўдакони хурдсол барои омода намудани усулҳои нави таълим ва дастурҳои таълимӣ нишон дода шуд.

Пешниҳод шуд, ки Ҷамъияти байналмилалии мураббиён ба мақсади табодули таҷрибаи пешқадам, усулҳои замонавии интерактивии таълим, донишу малакаҳои амалӣ дар ин самт таъсис дода шавад.

Аҳамияти шомил кардани масъалаи тарбия ва таълими кўдакони хурдсол ба сифати яке аз мавзўъҳои асосии рўзномаи умумии Нишастиояндаи СММ дар соли 2024 таъкид шуд.

Конфронс дар шакли сессияҳои панелӣ идома ёфт. Бинобар ҷамъбасти конфронс декларатсияи Тошканд қабул карда хоҳад шуд.

**ЎзА.**

# ЧОРАБИНИҲО ОИД БА СОДА НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин талаботи ҳатмӣ аз 1 январи соли 2023 бекор карда мешавад.

Инчунин ба вуҷуд овардани Руйхати ягонаи талаботи ҳатмӣ дар соҳаи соҳибкорӣ пешбинӣ мегардад. Руйхат дар ду марҳала ташаккул ёфта, он аз 1 июли соли 2025 пурра роҳандозӣ мегардад. Ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани соҳибкорон аз рўйи талаботе, ки ба ин руйхат дохил нагаштаанд, манъ мегардад.

Зимни гуфтугўи ошкоро бо соҳибкорон 22 августи соли ҷорӣ Президент дар бобати рақамисозӣ ва коҳиш додани коргузории коғазӣ дар соҳа супориш дода буд.

Бинобар тартибе, ки қаблан эътибор дошт, ҳуҷҷат дар бораи музди меҳнат ва дигар даромадҳои шахси ҳуқуқӣ ва инчунин пардохти андоз аз рўйи он бояд дар шакли коғаз дар зарфи 75 сол нигоҳ дошта мешуд. Азбаски ин маълумотҳо дар пойгоҳи мақомоти андози мазкур вуҷуд дорад, бо фармони нав талаботи нигоҳдории онҳо дар шакли коғаз бекор карда шуд. Инчунин воҳидҳои соҳибкорӣ аз коргузории коғазии ҳуҷҷатҳои дохилии ибтидоии ҳисобу китоби муҳосибӣ дар сурати аз тариқи низоми иттилоотии онҳо интиқол гардиданашон озод карда шуд. Дар натиҷаи ин тағйирот сарбории коғазбозӣ кам гардида, кори 587 ҳазор корхона сабук мегардад.

Ғайр аз ин, аз 1 январи соли 2023 таҷрибаи ба мақомоти андоз вогузоштани ҳисоботи молиявии семоҳа ва 9 ҳисоботи гуногуни оморӣ бекор карда мешавад.

Иттилооти шахсони масъулро шунида, роҳбари давлат ташкил намудани иҷрои босамари фармон ва ҳамчунин муттасил идома додани кор дар бобати сода намудани коргузории фаъолияти соҳибкорӣ ва дар мамлакат ба вуҷуд овардани муҳити куллан мусоиди тиҷоратиро супориш дод.

**ЎзА.**

# «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ: РЎ БА МАЪНАВИЯТИ БУЗУРГ»

**Бо ҳамин ном дар шаҳри Дрездени Олмон баёзи эҷодкорони Ўзбекистон нашр гардид. Дар он, ки бо забони немисӣ мураттаб гардидааст, намунаи эҷод ва тарҷумаи ҳолу сурати чанд шоирони шинохтаи Ўзбекистон ҷой гирифтааст.**

Хурсандиовараш он аст, ки шеърҳои яке аз шоирони тоҷики Ўзбекистон Асадуллоҳ Исмоилзода ҳам бо забони олмонӣ тарҷума гардида, шомили ин баёз шудааст.

Рўзҳои наздик дар доираи Рўзҳои адабиёти Ўзбекистон дар Олмон тақдимоти китоби “Ўзбекистони нав: рў ба маънавияти бузург” бо иштироки муаллифон дар Донишгоҳи Сигени Олмон баргузор мешавад.




**Асал САРХАТЗОДА.**

*САМАРҚАНД.*

# КОМЁБИИ ПАХТАКОРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

Пахтакорони диловари вилояти Бухоро 12 ноябри соли равон ба марраи мурод расида, аз қатори пешқадамони ҷумҳурӣ ҷо гирифтанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки деҳқонони асил дар соли 2021 345 ҳазор тонна пахта супорида ҳосилнокии майдонҳоро ба 36,3 сентнерӣ расонда буданд, ки ин дар 20 соли охир натиҷаи баландтарин аст. Дар натиҷа даромади умумии хоҷагиҳои фермерӣ аз 3 триллиону 600 миллиард сўм афзуд. Даромади софи аз соҳаи пахтакорӣ бадастдаромада ба бештар аз 750 миллиард сўм расид. Деҳқонон имсол хирмани пахтаашонро ба 357 ҳазору 685 тонна расонданд, ки ин нисбати соли гузашта 12 ҳазору 650 тонна зиёд аст. 96 фоизи ашёи хоми супоридашударо навъи аввал ташкил мекунад. То охири мавсим ҳамаи ноҳияҳо, хусусан, бештар аз 200-то ҳудуд, инчунин 2700 хоҷагии фермерии ин ҳудудҳо нақшаи шартномавии солонаашонро сарбаландона иҷро карданд. Ба комёбии вилоят ноҳияҳои Шофиркон, Қарокўл, Ромитан, Ғиҷдувон, Вобканд, Когон, Пешкў, Бухоро, Қаровулбозор саҳми арзанда гузоштанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити мураккаби баландии сатҳи шўрии қитъаҳо, номувофиқии ҳолати мелиоративии онҳо, номусоидии обу ҳаво заҳмат кашида, ҳосили дилхоҳ рўёнда комёб шудани деҳқонон воқеаи оддӣ нест. Баробари ин чун дар ҳудудҳои дигар дар Бухоро низ бо ғамхории Президенти мамлакат ба амал омадани ислоҳоти куллии соҳаи хоҷагии қишлоқ, чораю тадбирҳои дар арафаи ғунучини ҳосил дидашуда, таҷрибаи бисёрсолаи деҳқонон барин омилҳо боиси ғалабаи меҳнатӣ гардид.



Ба хирмани пахтаи вилоят кластерҳои пахтакорӣ, ғаллакорӣ, шоликорӣ ва тухмипарварии «Яккатут», «Бухоро агрокластер», «Мергантекс», «Қарокўл кумуш калава», «Парвоз Ҳумо Равнақ транс», «ВСТ кластер агрокомплекс», «WBM Ромитекс», «Баҳор ченч текстил», «Бухоро зарҳал текс», «Арк эко текстил» ҳиссаи калон гузоштанд. Ин субъектҳои агрокластерӣ бо тартиби фючерс бо хоҷагиҳои фермерӣ шартнома карданд. Фарқи инҳо аз дигар ҳудудҳо дар он аст, ки ҳосили ҳар як ҳудуд мувофиқи тамоили «аз хомашё то маҳсулоти тайёр» дар худи ҳамин ҷо аз нав кор карда мешавад.

Соли ҷорӣ дар майдонҳо кошта шудани пахтаи навъҳои «Бухоро-6», «Бухоро-8», «Бухоро-10», ки ба иқлими вилоят мувофиқ аст, судовар гардид. Дар давоми ғунучини ҳосил беш аз 130 ҳазор нафар чинакчиёни моҳир дар 2 ҳазору 100 отряд муттаҳид гардида, ғайрату шуҷоат зоҳир карданд. Барои онҳо дар саҳро тайёр шудани хўроки гарм ва шароити қулай, барои ҳар як килограмм пахтаи чиндашуда дар чинаки аввал 1500 сўмӣ ва дар чинаки дуюм 2000 сўмӣ дода шудани музди меҳнат сифатнокии ҷараёни корро таъмин кард. Дар давоми мавсим роҳбарони ҳудудҳои «Вардонзе», «Дўрмон» (ноҳияи Шофиркон), «Челонғу», «Халқобод» (ноҳияи Ромитан), «Сайёд», «Дарғали» (ноҳияи Қарокўл), «Армечан», «Зарафшон» (ноҳияи Ғиҷдувон), «Қўнғирот», «Имомқозихон» (ноҳияи Вобканд) фидокорӣ зоҳир намуда, супоришоти солонаро беш аз 110 фоиз иҷро карданд. Инчунин, хоҷагиҳои фермерии «Баҳодир Нодир», «Олимҷон оқ олтин» (н.Шофиркон), «Олтин хирмон», «Мўъминабону Аброр» (н.Рометан), «Самад Бешим», «Оқ олтин нурли замини» (н.Қарокўл), «Яҳёев Ҷамил Яҳёевич», «Элач шабнами» (н. Вобканд) ва дигарон аз ҳар як гектар майдон 50-56 сентнерӣ ҳосил бардоштанд ва даромади онҳо аз ҳар як гектар майдон ба 45-50 миллион сўмӣ рост омад. Дар Рометан, Шофиркон, Ғиҷдувон, Қарокўл, Вобканд барин ноҳияҳои камоб ҷорӣ карда шудани усули «чакраобдиҳӣ» самараи дилхоҳ дод. Хулоса, ислоҳоти иқтисодии соҳа дар вилоят натиҷаи дилхоҳ медиҳад ва он баҳри беҳтарсозии сатҳи зиндагии мардум харҷ мегардад. Дар вилоят ғунучини ҳосил идома дорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# *ХАБАРҲО*

## ҲАМКОРИИ БА ҶОНИБҲО МАНФИАТНОК

***Депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис дар ҷамъомади навбатии худ қонунҳо оиди ратификатсияи шартнома дар бораи қитъаҳои алоҳидаи сарҳадҳои давлатии Ўзбекистону Қирғизистон ва якҷо идора сохтани обанбори Андиҷон (Кампиробод)-ро қабул намуданд.***

Оиди лоиҳаҳои қонун сарвазир А. Арипов маърўза намуд. Қайд кард таҳти раҳнамоии Президентамон Ўзбекистон ҳамкории ба ҷонибҳо манфиатнок, сиёсати прагматик ва оқилонаи хориҷӣ бо давлатҳои ҳамсояро вусъат мебахшад, ки ин ба болоравии нуфузи диёрамон дар арсаи байналхалқӣ мусоидат месозад.

Айни замон маълум карда шуд, ки ба ҷои дигар кўчондани наздик 130 оила ба нақша даромадааст. Барои ин тақрибан 50 миллиард сўм маблағ ҷудо ва ба ҳар оила ба ҳисоби миёна 384,6 миллион сўмӣ ҷубронпулӣ дода мешавад. Сарвазир гуфт ба норозӣ сохтани нафаре роҳ гузошта намешавад ва ин масъала шахсан аз ҷониби Президент назорат карда мешавад.

## ДАР ЗЕРИ ПАРЧАМИ ЎЗБЕКИСТОН

***Ба муносибати Рўзи қабулшавии Ливои давлатӣ чорабинии варзишӣ дар ҳудуди васеъ бо унвони “Нафаси нав” рўйи кор омад.***

Дар он аз як қатор шаҳрҳои хурду бузурги диёрамон, аз қабили Андиҷон, Бухоро, Гулистон, Ҷиззах, Қаршӣ, Қўқанд, Навоӣ, Наманган, Тошканд, Самарқанд, Тирмиз, Урганҷ, Фарғона ва Чирчиқ бештар аз 50 ҳазор нафар иштирок намуданд. Маҳз варзиши оммавӣ буд, ки ин қадар одамони зиёдро дар зери парчами давлатии Ўзбекистон ҷамъ намуд.

Мусобиқаи мазкур дар шаҳри Тошканд дар се манзил ташкил гашт. Вазири рушди варзиш Адҳам Икромов, вазири таълими олӣ ва миёнаи махсус Абдуқодир Тошқулов, роҳбари штаби асосии Қувваҳои Мусаллаҳи Ўзбекистон, генерал-майор Шуҳрат Холмуҳаммедов ба иштирокдорон бо суханони табрикӣ муроҷиат намуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

# «ҲАФТАИ САЙЁҲӢ-ЗИЁРАТИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ» ДАР БУХОРО ХОТИРМОН ГУЗАШТ

**Маълум аст, ки дар мамлакатамон «Ҳафтаи сайёҳӣ-зиёратии байналхалқӣ» ба амал омад. Дар он намояндагони ташкилоти соҳаи сайёҳию динии ватанию хориҷӣ, сохторҳои бонуфузи байналхалқӣ иштирок карданд.**



Дар Бухоро низ дар доираи ҳафтаи сайёҳ-зиёратии байналхалқӣ силсилаи тадбирҳо баргузор гардиданд. Аз ҷумла, дар маҷмаи «Баҳоуддин Нақшбанд» конференсияи «Мероси исломии Ўзбекистон» баргузор гашт.

Ҳокими вилоят Б. Зарифов иштироккунандагони тадбирро муборакбод намуд ва дар бораи корҳое, ки бо ташаббуси сарвари давлат бобати рушд додани сайёҳии зиёратӣ дар вилоят ба амал меоянд, ҳарф зад.Таъкид шуд, ки Абуҳафси Кабири Бухорой, Абуҳафси Сағири Бухорой, Абубакри Калободӣ, Мустамлии Бухорой, Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Бурҳониддини Марғинонӣ, Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ, Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд барин алломаҳои диёрамон нафақат баҳри тарғиби арзишҳои исломӣ ва маънавияти инсонӣ хидматҳои арзанда кардаанд, балки онҳо таълимоти исломиро ба сатҳи илми бузург, маданият ва тамаддун бардоштаанд. Ин ганҷинаи бузурги маънавияти инсонӣ имрўз низ барои тарбияи мо мақоми ибратбахш дорад. Бо ифтихор гуфтан мумкин аст, ки алломаи бузург Абуҳафси Кабири Бухорой 200 сол муқаддам аз мадрасаи «Низомия»-и Бағдод, яъне соли 810 дар Бухоро ба мадрасаҳо — дорулфунунҳо асос гузошта буд. Ба туфайли хидматҳои вай дар давраи Эҳёи якум Бухоро сазовори унвони шарафноки «Қуббат-ул ислом», яъне «Гунбади дини ислом» гардида буд. Шогирди машҳури ў муҳаддиси бузург Имом Бухорӣ бо китоби худ «Саҳеҳи Бухорӣ» шуҳрати ҷаҳонӣ ёфт. Бо мақсади дастраси умум гардондан, ба авлоди оянда мерос гузоштани ин ганҷинаи гаронбаҳо бо ташаббуси сарвари давлат солҳои охир бисёр чораю тадбирҳо андешида шуданд. Ҳоло сайёҳӣ ба



соҳаи стратегияи иқтисодии мамлакат табдил ёфтааст. Хусусан, Бухоро дар ин бобат мақоми махсус дорад. Аз ин рў, баҳри рушдёбии сайёҳӣ дар ин ҷо чорабиниҳои зарурӣ дида шуданд. То 1 октябри соли равон 2,2 миллион нафар сайёҳон ба диёрамон ташриф оварданд, ки ин нисбати соли гузашта се баробар зиёд аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки 21—23 феврали соли 2019 дар шаҳри Бухоро «Форуми сайёҳии зиёратии байналмилалӣ» баргузор гардид. Ин тадбир аз ҷониби экспертҳои байналхалқӣ ва ташкилоти UNWTO ва ISESCO баҳои баланд гирифт. Минбаъд барои сайёҳон имкониятҳои қулай фароҳам оварда шуд. Дар натиҷа Ўзбекистон дар ҳисоботи GMTI агар дар соли 2017 сазовори ҷойи 32 гашта бошад, соли 2022 ба ҷойи 9-ум баромад. Соли 2020 Бухорои шариф соҳиби унвони «Пойтахти маданияти ислом» гардид. Маркази таърихии шаҳри Бухоро ва 280 объекти мероси мадании он ҳамчун шомили рўйихати Мероси мадании ҷаҳонии ЮНЕСКО ба муҳофизат гирифта шудааст.

Дар конференсия сардори Маркази рушди исломии Малайзия Муҳиддин Наҳиб Ҳасан, муовини раиси Идораи мусулмонони Ўзбекистон Ҳомидҷон Ишматбеков, раиси Иттиҳоди мусулмонҳои Кореяи Ҷанубӣ Ким Дёнг Ёнг, ректори ДДБ Обидҷон Ҳамидов ва дигарон низ ба сухан баромаданд. Дар охири конференсия байни ҳокимияти вилояти Бухоро ва Маркази сайёҳии исломӣ (ITC), Вазорати сайёҳӣ, санъат ва маданияти Малайзия, Маркази сўфиёни ҷаҳон (WSC), Шўрои назорати Институти байналхалқии дипломатияи Аморати Муттаҳидаи Араб, инчунин бо нависандаи ин мамлакат Носир Даҳерӣ оиди мустаҳкам намудани робитаҳои ҳамкории стратегӣ меморандумҳо таҳия шуданд.

Дар шафати маҷмаи Пойи Калони Бухоро дар доираи «Ҳафтаи сайёҳӣ-зиёратии байналхалқӣ» Маркази омўзиши забони арабӣ ва санъати хаттотии ислом «Ал-Манар» низ кушода шуд. Дар тадбир дар бораи намояндагони барҷастаи мактаби хаттотии Бухоро, ки дар асри XVI созмон ёфтааст, Миралии Ҳиравӣ, Мирубайди Бухорой, Мирҳусайни Кўланкии Бухорой, Аҳмади Дониш ва дигарон сухан рафт. Дар ин ҷо намоиши «Наққошии исломӣ ва хаттотӣ» низ сурат гирифт ва беш аз 50 намуди қадимии Қуръони карим диққати бинандагонро сўйи худ кашид.

– Дар диёрамон ёдгории таърихие нест, ки дар он намунаҳои санъати хаттотӣ набошад, – мегўяд ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи А. Берунӣ, доктори фалсафа оид ба илми таърих, матншинос Комилҷон Раҳимов. – Масалан, дар пойдевори «Чорманор» шеъри ба Бухоро бахшидаи Абдураҳмони Ҷомӣ оварда шудааст.

Мегўянд, ки ҳукмдори Бухоро Абдулазиз Муҳаммадхон (1645-1681) девони Ҳофизи Шерозиро, ки аз ҷониби хаттот Ҳоҷӣ Ёдгор нусхабардорӣ гаштааст, ба шоҳи Эрон Сулаймон Сафӣ чун туҳфа мефиристад. Шоҳи Эрон туҳфаро ба даст гирифта, «Ин хазина баробари туҳфа кардани чанд мамлакат аст» гуфтааст. Дар «Мономарказ»-и шаҳри Бухоро «Форуми хатмкунандагони мадрасаи Мири Араб» баргузор гардид. Меҳмонон бо таърих ва фаъолияти имрўзаи омўзишгоҳ шинос шуданд. Шогирди собиқи ин мадраса, раиси Идораи мусулмонҳои Озарбойҷон Шайх-ул-ислом Оллоҳшукур Пошшозода ба мудири омўзишгоҳи миёнаи махсус Ҷалолуддин Сабуров туҳфаи хотиравии худро супурд. Иштироккунандагони тадбир ба Маркази ҳунармандии «Баҳоуддин Нақшбанд»-и Акмал Муҳиддинов низ рафтанд. Онҳо бо нигористон, устохонаи кандакории чўб, санъати кашидадўзӣ барин равияҳои ҳунармандӣ шинос шуданд. Инчунин онҳо дар дарсҳои маҳорати пазандагони бухорой: «Оши софӣ», «Санбўсаи сабз», «Кулчаи танўрӣ» иштирок карданд.

Ҳамин тариқ, меҳмонони «Ҳафта», ки бештар аз даҳ мамлакати дунё ташриф овардаанд, бо ҷойҳои таърихӣ ва ҷолиби диққати шаҳри шариф шинос шуда, бо як олам таассурот баргаштанд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# «ВАТАНПАРВАР» – МАКТАБИ МАРДОН

***Мақсади асосии ташкилоти ёрирасони мудофиаи Ўзбекистон – «Ватанпарвар» кумак расондан ба мустаҳкамгардонии мудофиаи қувваҳои мусаллаҳ, ҳамчун шахси рушдёфта ба воя расондани шаҳрвандон, ба хусус ҷавонон, тарбия намудани онҳо дар рўҳи ватандўстӣ, омўзондани касб ва баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо ба варзиш мебошад.***

Дар ин бобат дар клуби омўзишӣ, техникӣ варзишии Чуст корҳои зиёд амалӣ мешаванд.

— Яке аз самтҳои асосии фаъолияти созмон омода кардани мутахассисони касбҳои техникии оммавӣ, аз ҷумла, ронандаи воситаҳои нақлиёт, аз нав омодакунии кадрҳои болаёқат ва баланд бардоштани малакаи онҳо мебошад, — гуфт роҳбари клуб Тоҳирҷон Тошматов. – Дар давоми нўҳ моҳи гузаштаи соли ҷорӣ 550 нафар ронандаи болаёқат омода карда шуд. Ҷараёни машғулотҳо зери назорати видеоӣ мебошад. Дарсҳои амалӣ дар нақлиёти замонавӣ сурат мегиранд.

Дар клуб маҳфилҳои биатлон, аслиҳапаррони ҳавоӣ, мотоспорт, картинг ва авиаракетомодел ва самтҳои дигари техникиву амалии варзиш ба роҳ монда шуда, дар он беш аз 100 нафар ҷавонон шуғл меварзанд. Ба хусус, маҳфили авиаракетомоделҳо дастпарварони зиёд доранд.



16-23 сентябри соли ҷорӣ дар озмуни авиамоделчиёни байналхалқии "Байконур-22", ки дар Қазоқистон баргузор шуд, ҷамоаи мо ҷойи якумро соҳиб гашт. Дар озмун аз 5 мамлакати ИДМ беш аз 200 нафар қувва озмуданд. Дар муваффақиятҳои ноилгардида варзишгарони ҷавон Наҷмиддин Зайлиддинов, Ҳаёт Қурбонов ва Самандар Соқиев саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Дар озмуни варзишии ракетамоделчиёне, ки барои Ҷоми Ўзбекистон 12-15 октябри соли равон дар Бухоро баргузор шуд, варзишгарони мо ҷойи дуюмро соҳиб гардиданд.

Ба ҷойи хулоса бояд гуфт, ки ҷамоаи клуби варзишии мо дар ҳамаи мусобиқаҳо фаъолнокиро аз даст намедиҳанд. Дар ин корҳо саҳми мураббӣ Мавлуда Мадалиева назаррас аст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик" дар**
**вилояти Намангон.**

*Дарси тасаввуф*

## Ҳафт пир

**(Пири ҳафтум)**

# ХОҶА БАҲОУДДИНИ НАҚШБАНД

### ИСМ, ЛАҚАБ, НИСБА ВА ШАҶАРА

Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд яке аз авлиёи машҳури олами ислом ва поягузори тариқати нақшбандия мебошад. Халқ ба ў бо номҳои «Баҳоуддин», «Хоҷа Баҳоуддин», «Баҳоуддини Балогардон», «Балогардон», «Хоҷаи бузург», «Шоҳи Нақшбанд» арҷ гузоштааст.

Номи аслиаш – Муҳаммад. Падарашро ҳам ном Муҳаммад буда, дар баъзе манбаъҳо омадааст, ки бобояш низ Муҳаммад ном дошт. Падараш аз авлоди сайидҳост. Шаҷарааш ба авлоди пайғамбар (с.а.в.) – Имом Ҷаъфари Содиқ мепайвандад. Насабаш аз ҷониби модар иртибот ба ҳазрати Абубакри Сиддиқ дорад.

Аз он ки аз авлоди хоҷаҳост ба номаш калимаи хоҷа илова шудааст. Ба сабаби он ки дар ҷавонӣ ба газвор нақш меандохт, бо лақаби Нақшбанд машҳур шуда буд. Дар он рўзгор ба онҳое, ки ба газвору қолӣ нақш меандохтанд, лақаби нақшбандро медоданд. Вожаи «Баҳоуддин» ба маънии «баҳои дин» аст. Ин унвони фахриест, ки дертар ба Хоҷаи Нақшбанд дода шудааст. Дар баъзе манбаъҳо дар шакли «Баҳо-ул-Ҳаққи ва-л-миллати ва-д-дин», яъне «Ҳақ таоло, нури миллат ва дин» низ омадааст.

### ТАВАЛЛУД

Баҳоуддини Нақшбанд моҳи марти соли 1318 дар деҳаи Қасри Ҳиндувони ноҳияи Когони вилояти Бухоро ба дунё омада, соли 1389 ҳиҷрӣ, вақте 71 сол дошт, ин дунёи рўшанро падруд гуфтааст. Қасри Ҳиндувон дертар ба шарафи Баҳоуддини Нақшбанд «Қасри Орифон» номида мешавад, имрўз низ ин ном мондааст. Дар мақолаи шашум, дар мавриди Башорати Бобои Самосӣ ин нукта ёдрас шудааст.

Вожаи орифон ба маънии «сўфиён», «аҳли тасаввуф» аст.

### ПИРҲО

Нақшбанд дар тўли умр тарбияи чор пирро гирифтааст. Пири якуми ў Хоҷа Муҳаммад Бобои Самосӣ буд. Пири дуюмаш Амир Сайиди Кулол аст. Амири Кулол, баъди ба ў омўхтани донистаҳои худ, иҷозат медиҳад, ки аз пирони дигар низ илм омўзад. Пири сеюмаш Қусам Шайх мебошад. Баҳоуддин барои омўхтани илм ба назди яке аз шайхони машҳури тариқати яссавия Қусам Шайх, ба Нахшаб – Қаршии имрўза меравад. Се моҳ аз ў таълим мегирад. Баҳоуддин муътақиди ин пир буд, дар айни ҳол Қусам Шайх низ ўро фарзандвор дўст медошт. Дертар шайх ба туфайли эҳтиром ба ў ба Бухоро кўч мебандад ва то охири умр дар ин ҷо мемонад.

Пири чоруми ў Султон Халил ба шумор меравад. Баҳоуддин солҳои 1335-1346/47, яъне дар фосилаи 17-29 солагӣ 12 сол дар хидмати ў буда, тарбияашро гирифтааст.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, ўро рўҳи Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ низ тарбия кардааст. Рўҳи авлиёи дар қарнҳои дуру наздик гузашта, агар бо тарбияи муриде машғул шавад, он муридро муриди «увайсӣ» гўянд.

### СИЛСИЛА

Силсилаи нақшбандия ва яссавия ба Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ мепайвандад. Аз он, ки Нақшбанд аз пирони ҳар ду тариқат таълим гирифтааст, номи ў дар ҳар ду силсила ба забон гирифта мешавад. Силсилаи нақшбандия дар сарчашмаҳо дар шакли «силсилат-уз-заҳаб», яъне силсилаи заррин омадааст. Он бад-ин тарз шакл гирифтааст: Сарвари коинот Муҳаммад (с.а.в. 571-632); Ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р.а. 573-634); Ҳазрати Салмони Форсӣ (р.а. 578-657); Ҳазрати Қосим ибни Муҳаммад (р.а. вафоташ – 605); Ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ (р.а. 702-765); Султон-ул-орифин Боязиди Бастомӣ (қ.с. вафоташ – 875); Шайх Абулҳасани Харақонӣ (қ.с. 963-1033); Шайх Абуалии Формадӣ (қ.с. 965-1055); Ҳазрати Хоҷа Юсуфӣ Ҳамадонӣ (қ.с. 1049-1141); Ҳазрати Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ – Хоҷаи ҷаҳон (қ.с. 1103-1179); Ҳазрати Хоҷа Орифи Ревгарӣ – Моҳитобон (қ.с. 1166-1263); Ҳазрати Хоҷа Маҳмуди Анҷирфағнавӣ (қ.с. вафоташ – 1286); Ҳазрати Хоҷа Алии Ромитанӣ (қ.с. 1191-1321); Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Бобои Самосӣ (қ.с. вафоташ – 1335); Ҳазрати Хоҷа Сайид Амири Кулол (қ.с. 1281-1370), Ҳазрати Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанди Бухорой (қ.с. 1318-1389).

Ҷойгоҳи Баҳоуддини Нақшбанд дар силсилаи яссавия ба тарзи зер аст: Хоҷа Аҳмади Яссавӣ (вафоташ 1166); Мансур бинни Арслонбобо (вафоташ 1197); Абдулмалики Тоҷхоҷа (вафоташ – 1218); дар мобайн се шайхи номаълум, сипас Халил Ота (вафоташ – 1347); Баҳоуддини Нақшбанд (1318-1389). Нақшбанд тавассути Қусам Шайх низ ба тариқати яссавия мепайвандад.

### АВЛОД

Нақшбандро чаҳор духтару як писар буд. Як духтараш дар овони ҷавонӣ вафот кардааст. Калонӣ Бибӣ Хотуни Калон ном дошт. Ў бо писари Алоуддини Аттор — Ҳасани Аттор издивоҷ кардааст ва писарҳое бо номи Юсуфи Аттор ва Муҳаммади Аттор ва чаҳор духтар таваллуд кардааст. Дар «Рашаҳот...» омада, ки Фахриддин Алии Сафӣ аз хато гуфтааст, ки Алоуддини Аттор бо духтари Нақшбанд издивоҷ кардааст. Ин хаторо ҳарчанд муаллифони зиёде ислоҳ кардаанд, то ҳанўз дар баъзе китобҳо ба чашм мерасад. Духтари дуюмиро ном Бибӣ Робия Хотун буд. Ў бо аллома Мавлоно Фазлуллоҳи Найистонӣ издивоҷ кардааст. Духтари хурдиаш Бибихотуни Сарвар ном дошт. Ў баъди вафоти падар бо Абулхайри Туркистонӣ издивоҷ кардааст ва фарзандҳоеро бо номи Хоҷа Баҳоуддини Набера, Хоҷа Амири Алӣ ва Хоҷаи Марак ба дунё овардааст. Хоҷа Амири Алӣ низ се писар дошт бо номҳои Мирмуҳаммад, Шайх Зайниддин ва Хоҷа Баҳоуддин. Хоҷа Мирмуҳаммадро низ се писар бо номҳои Хоҷа Мирак, Мирзо Оёқ ва Низомиддин Аҳмад буд.

Вақте Нақшбанд нахустин бор ба ҳаҷ мерафт, писари ягонааш дар Бухоро вафот мекунад. Шояд фарзанди фавтидаи ў дар асл духтар буду дар манбаъҳо аз хато писар қаламдод шудааст. Зеро фарзанд метавонад духтар низ бошад.

Ҳасанхоҷа Нисории Бухорӣ (вафоташ – 1005/1596) дар китоби худ «Музаккир-ул- аҳбоб» («Ёдномаи дўстон») аз чанд фарзанди Нақшбанд ёд кардааст. Мирмуҳаммади Нақшбандӣ, Сайид Ҳодии Нақшбандӣ, Сайид Иброҳим ва Хоҷа Ҳасани Нақшбандӣ аз он ҷумлаанд. Дар китоби Бадахшонӣ «Ҷомеъ-ус-салосил» («Маҷмўи силсилаҳо») омадааст, ки Хоҷа Ҳасани Мазорӣ (асри XVI) низ яке аз фарзандони Баҳоуддини Нақшбанд мебошад.

Баъзе аз фарзандони Нақшбанд дар Қасри Орифон дафн шудаанд, чанде аз онҳо дар Кобул ва Деҳлӣ ба сар бурда, дар он ҷойҳо вафот кардаанд.

### ЗИЁРАТИ ҲАҶИ МУҚАДДАС

Баҳоуддини Нақшбанд ду маротиба ба ҳаҷ рафтааст: бори нахуст соли 1370-уми милодӣ ҳамроҳи падар ва муридони худ, бори дуюм, вақте ҳафтод сол дошт (соли 1388). Дар сафари дуюм ўро муридаш Хоҷа Муҳаммади Порсо ҳамроҳӣ кардааст.

### МЕРОС

Олимон осори насрӣ – «Ал-авродд», «Далел-ул-ошиқин» ва асари назмӣ – «Ҳаётнома»-ро, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудаанд, моли Нақшбанд меҳисобанд. Аз онҳо танҳо як қисми «Афрод» ба забони ўзбекӣ баргардонда шудааст. Рубоиёти ў дар таркиби дастнависҳо то ба мо омадаанд. Яке аз он рубоиҳо басе машҳур аст, ки аз ҷониби дарвешон ҳангоми гузоштани намоз хонда мешуд.

### БАЙТЕ, КИ ПЕШ АЗ НАМОЗИ ҶАНОЗА ХОНДА ШУДААСТ

Дар «Насоим-ул-муҳаббат...» нуктаи ҷолибе аз забони Нақшбанд оварда шудааст:

«Яке аз муридони Шайх Абусаиди Абулхайр (асри X) суол кард:

– Пеш аз намози ҷанозаи шумо кадом оятро бихонанд?

Ў гуфт: «Оят хондан кори бузург. Вале ин байтро бихонанд:

*Чист аз ин хубтар дар ҳама*
*офоқ кор,*
*Дўст расад назди дўст,*
*ёр – ба наздики ёр.*

Пас аз он Ҳазрати Нақшбанд ба муридони худ чунин васият кард:

«Қабл аз намози ҷанозаи ман ин байтро бихонед:

*Муфлисонем омада дар кўйи ту,*
*Лавҳашаллоҳ, аз ҷамоли рўйи ту.*

### КАРОМАТ ДАР НАЗДИ НАҚШБАНД

Худо авлиёро бо кароматҳояшон бинавозад, ки аз Нақшбанд низ марҳаматашро дареғ надоштааст. Фахриддин Алии Сафӣ дар «Рашаҳот айн-ал-ҳаёт» овардааст, ки Баҳоуддин вақте чаҳор сол дошт, ба модараш гуфт: «Гови мо гўсолае таваллуд хоҳад кард, ки дар пешонааш аломати ҳилол (моҳи нав) дорад. Тавре ки башорат карда буд, баъди чанд моҳ гов гўсолае таваллуд мекунад, ки аломати ҳилол дар пешона дошт.

Дар асл, Баҳоуддинро тарбия кардани рўҳи Абдухолиқи Ғиждувонӣ низ, ки ду аср қабл ба сар бурдааст, худ як башоратест.

Одамони одӣ дар ҳамаи замонҳо ба кароматҳи авлиё ҳусни таваҷҷўҳ доштанд. Навоӣ дар тазкираи «Насоим-ул-муҳаббат...» овардааст, ки вақте одамон аз Нақшбанд низ каромат хостанд, ў гуфт: «Каромати моро ҳоло мебинед». Магар бо ҳамин қадар гуноҳ дар рўйи Замин зинда мондани мо каромат нест?!»

### ОЁ ЗАМИН БА АНДОЗАИ НОХУН АСТ?

Қалби сўфӣ ҳар қадар ки Худоро дарк созад, эҳсос хоҳад кард, ки ҳастии халқкардаи ў ба он андоза бекарон аст. Бад-ин тариқ, майдони идроки пирони тасаввуф тавсеа меёбад. Вақте ҳастӣ ба ин андоза бепоён аст, дар назди одамони одӣ замин бо он ҳама бузургӣ чӣ вусъате дорад? Шайхон ба ин суол таваҷҷўҳ зоҳир намудаанд. Пири чаҳоруми тариқати хоҷагон – нақшбандия Хоҷа Алии Ромитанӣ гуфта будааст: «Замин дар назди авлиё ба андозаи дасторхонест». Ин гуфта ба ду маънист. Маънии якум ин, ки шайхи комил Заминро ба андозаи дасторхоне, ки мебинад, пеши назар овардааст. Маънии дуюм: Замин аз офаридаҳои Худо як заррaест ба андозаи дасторхон. Дар таърихи тасаввуф заминро ба андозаи як кафи даст низ дидаанд. Баҳоуддини Нақшбанд ин фикрро тақвият бахшида гуфтааст: «Замин дар назди мо ба андозаи як нохун аст».

### ХАЛИФАҲО – ҶОНИШИНОН

Халифа (ҷонишин) омода кардани ҳар як шайхи комил дар он рўзгор ба анъана табдил ёфта буд. Баҳоуддини Нақшбанд муридони зиёд дошт. Аммо аз байнашон чаҳор халифа омода кардааст, ки инҳоанд: Алоуддини Аттор (вафоташ 1400); Муҳаммади Порсо (1348-1420); Яъқуби Чархӣ (вафоташ – 1447) ва Алоуддини Ғиждувонӣ (вафоташ – 1448).

Баъди вафоти Баҳоуддини Нақшбанд Алоуддини Аттор ба сифати пири иршодгар шуҳрат пайдо кардааст. Дар тариқат тақсимшавӣ ба ҷараёнҳои асосӣ дар даври Аттор рўй додааст. Тариқати алоияе, ки ба фаъолияти Алоуддини Аттор оғоз ёфта буд, баъди вафоти ў, бо фаъолияти писараш Ҳасани Аттор ва шогирдаш Низомиддини Хомўш дар ду роҳ идома пайдо кард. Муҳаммади Порсо, Яъқуби Чархӣ ва Алоуддини Ғиждувонӣ, бино ба иҷозати Баҳоуддини Нақшбанд, дар мавзеъҳои мухталиф бо тарбияи ирфонӣ-тасаввуфӣ машғул шудаанд.

Ҷараёнҳои шурўъгардида бо фаъолияти Алоуддини Ғиждувонӣ ва Муҳаммади Порсо он қадар оммавӣ нагардидаанд. Тариқатро, асосан, халифаҳои Аттор ва Яъқуби Чархӣ идома додаанд. Яъқуби Чархӣ, баробари дар тарбияи Нақшбанд будан, солҳои дароз бо Алоуддин Аттор ҳамсуҳбат будааст. Ин аст, ки дар манбаъҳои баъдӣ омадааст, ки халифаи Аттор низ буд ва тахти роҳбарии ў ба камол расидааст.

Хоҷа Муҳаммади Порсо ҳарчанд ба рушди амалии тариқат саҳми зиёд надошт, вале аз ҷиҳати назарӣ ба рушди Хоҷа Муҳаммади Порсо саҳми назаррас гузоштааст.

### ВАФОТ

Нақшбанд, вақте аз сафари дуюми ҳаҷ бармегашт, бемор мешавад. Маҷбур мешавад, ки дар хонаи хурди корвонсарое иқомат гузинад.

Дар ин ҳолат танҳо чанд муридаш бо ў буданд. Албатта, муридон дар фикри он буданд, ки Нақшбанд баъди худ киро ба халифагӣ таъин менамояд. Ў пеш аз вафот таъкид менамояд, ки тариқатро халифаи ў – Хоҷа Муҳаммади Порсо идома хоҳад дод.

Бино ба ривояти дигаре фармудааст: «Сухани мо дар ин масъала – он чӣ ки дар роҳи Макка гуфтем, ҳамон хоҳад шуд. Агар ҳар кас дар орзуи дидани мо бошад, ба Хоҷа Муҳаммади Порсо бингарад».

Нақшбанд пеш аз марг дурудароз дуо мекунад. Ин ҳангом Алоуддини Аттор дар болои сари ў бо хондани сураи «Ёсин» машғул буд. Сура ба охир нарасида, пири комил дунёи фониро тарк мегўяд. Он рўз шоми 1-уми марти соли 1389 буд.

### МАҚБАРАИ Ў

Бо мурури вақт дар атрофи қабри Нақшбанд масҷид, манора мадраса, хонақоҳ, мусофирхона ва дарвоза сохонда шудааст. Дар қарни XVI дар ҳудуди дарвозаҳои Тоқи Миёна, Диловар ва Салом «Дахмаи Шоҳон» воқеъ буд. Он дахмаҳои оилавии ҳукмдорон ва аъёни Бухоро – Абдулазизхон (1540-1549), Абдуллоҳхон (1589-1598), Имомқулихон (1611-1642), Субҳонқулихон (1682-1702) ва Нодир Девонбегӣ (асри XVII)-ро дар бар мегирад.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**адабиётшинос,**
**Ходими шоистаи**
**фарҳанги Ўзбекистон.**

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд 90-сола шуд*

***Суҳбатамон бо ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, профессор Аюб Усмонзода аввал дар даҳлези бинои маъмурӣ сурат гирифта, баъд дар утоқи вай давом кард. Усмонзода соли 1995 факултети таърихи ҳамин донишгоҳро хатм кардааст. Аз соли 1994 ба ҳайси танзимгари факултети таърих фаъолияташро оғоз намудааст. Моҳи апрели соли равон ӯро ректори донишгоҳ таъин намуданд.***



# ДОНИШГОҲИ «ТИРОЗИ ҶАҲОН»

– Донишгоҳи мо яке аз калонтарин ва собиқадортарин мактаби олӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Инак, ба таъсисёбии он 90 сол пур шуд. Донишгоҳ соли 1932 дар заминаи курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои миёна таъсис ёфтааст ва аз рӯи шумораи донишҷӯён дувумин донишгоҳи бузурги Тоҷикистон муаррифӣ шудааст. Соли таъсисёбӣ он ҳамагӣ аз ду кафедра – кимёву биология ва физикаю математика иборат буда, 26 нафар донишҷӯро фаро хондааст. Ба онҳо 9 нафар устодон сабақ додаанд, – гуфт дар оғози суҳбат Аюб Усмонзода.

Дар назди таърих 90 сол марҳилаи бузург нест, аммо барои ташаккул ва рушди як муассисаи таҳсилоти олӣ давраи муайян маҳсуб мееёбад.

Имрӯз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар рейтинги Агентии назорати соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи сегонаи беҳтарин донишгоҳҳои ҷумҳурӣ қарор дорад.

Ногуфта намонад, ки таъсиси чунин мактаби олӣ дар минтақаи шимоли Тоҷикистон, ки дорои иқтидор ва захираҳои бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнию фарҳангӣ аст, тақозо ва талаботи давру замон ба ҳисоб мерафт. Ин иқдом он замон барои тарбияву ба воя расонидани кадрҳои соҳибмаълумот, рушди илму маърифат, рушди мактабу маориф ва дигар марказу муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, фарҳангӣ, маданӣ-маърифатӣ воқеан зарур буд.

– Дар оғози солҳои 30-юми асри XX бо азму ғайрат ва талошҳои зиёди сарварони ҳамонвақтаи ҷумҳурии ҷавони тоҷикон, фарзандони фарзонаи миллат – Нусратулло Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншо Шотемур, ки дар поягузории бинои муҳташам ва муқаддаси истиқлолияти имрӯзаи Тоҷикистон хиштҳои нахустинро гузоштанд, якбора паси ҳам ду донишкадаи омӯзгорӣ – яке дар Душанбе соли 1931 ва дигаре дар Хуҷанд соли 1932 таъсис дода шуд, – мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Аз оғози фаъолият дар назди донишкадаи омӯзгорӣ факултаи коргарӣ таъсис додаанд, ки вазифаи он аз ҳисоби намояндагони табақаи коргар ва деҳқон тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ будааст.

– Дар донишкада як қатор муаммоҳое мавҷуд будаанд, ки барои пешрафт монеа эҷод мекардаанд. Аз ҷумла, нарасидани маблағ, бинои таълимӣ, тадрисгоҳ, мавҷуд набудани хобгоҳ аз зумраи ҳамин мушкилот маҳсуб мееёфтаанд. Бинои таълимӣ дар дохили собиқ масҷиди яке аз маҳаллаҳои шаҳр ҷойгир шуда, дарсхона, қироатхона, озмоишгоҳ, лавозимоти моддӣ-техникӣ вуҷуд надоштаанд. Дар солҳои аввали мавҷудияти донишкада вазъи таъминот бо китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, асарҳои илмӣ низ ба талабот чандон ҷавобгӯ набуд, – қайд намуд ректор ва афзуд: – Марҳала ба марҳала ин муаммоҳо бартараф гардида, шароит барои ҷомеаи меҳнатӣ ва муҳассилин мусоид гардиданд. Он ба бинои нав низ таъмин шудааст.

Соли 1936 дар фаъолияти донишкада воқеаи муҳим – маросими хатми нахустин муҳассилин баъд аз чор соли таҳсил ба вуқӯъ пайвастааст. 21 нафар хатмкунандагон ва аз ин шумор 10 нафар шуъбаи физикаву риёзиёт ва 11 нафар шуъбаи кимиёву биологияро хатм кардаанд. Соли 1945 аз байни устодони донишкада О.Орифов дар шаҳри Тошканд нахустин рисолаи номзадии худро ҳимоя намудааст.

– Солҳои 1950-1951 дар сохтори факултети таъриху филология тайёр кардани омӯзгорони фанҳои забони англисӣ ва олмонӣ оғоз гардида, соли 1956 дар заминаи ин ихтисосҳо факултаи забони хориҷӣ таъсис ёфта, солҳои 60-ум соҳиби 7 бинои таълимӣ, 11 хобгоҳи донишҷӯён, китобхонаи ғанӣ, устохонаҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо ва толори варзишӣ гардидааст, – тазаккур дод Аюб Усмонзода.

30-юми марти соли 1991 Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд ба номи Киров ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд табдил ёфтааст.

– Соли 1998 дар соҳили рости дарёи Сир бинои шашошёнаи нави таълимӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки биноҳои куҳнаву фарсударо иваз намуд. Таъсиси Маркази пажӯҳишии тамаддуни замони Сомониён моҳи январи соли 1998, Пажӯҳишгоҳи менеҷмент ва технологияи



компютерӣ, Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти гуманитарии ЮНЕСКО, ки дертар унвони Маркази тадқиқоти гуманитарии ЮНЕСКО-ро гирифт ва оғози фаъолияти маҷаллаи марказ таҳти унвони “Тадқиқоти гуманитарии Осиёи Марказӣ” аз дастовардҳои дигари донишгоҳ дар он замон маҳсуб мееёфтанд, ки нуфузи донишгоҳро баланд ва имконияту доираи фаъолиятро тавсеа бахшиданд, – иброз дошт Усмонзода.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд маҳз дар партави сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони истиқлол ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, сӯйи муваффақият ва музаффариятҳои тоза қадам гузошт.

19 июни соли 1996 донишгоҳ номи фарзанди фарзонаи миллат Бобоҷон Ғафуровро гирифтааст.

– Ҳоло дар донишгоҳ аз рӯи 99 ихтисос дар шӯъбаи рӯзона ва 35 ихтисос дар шӯъбаи таҳсилоти фосилавӣ таҳсил ҷараён дорад. Дар раванди таълим 876 нафар омӯзгор, аз ҷумла 54 нафар доктори илм, профессор, 403 нафар номзади илм, дотсент, 208 нафар сармуаллим ва 211 нафар муаллим фаъолият менамоянд, ки 52,1 дарсади умумии омӯзгоронро устодони соҳибунвон ташкил медиҳанд, – гуфт Усмонзода.

Маълум шуд, ки хидматҳои илмиву фарҳангии устодони донишгоҳ аз ҷониби давлату ҳукумати Тоҷикистон ҳамеша қадршиносӣ гардида, даҳсолаи охир то имрӯз 14 нафар ба гирифтани унвони “Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон”, 3 нафар ордени “Шараф”, 5 нафар “Ифтихорнома”-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 нафар медали “Хизмати шоиста”, 2 нафар ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, 2 нафар ҷоизаи Исмоили Сомонӣ сарфароз гардидаанд.

Дар айни ҳол теъдоди донишҷӯёни ӯзбекистонӣ 3 ҳазор нафарро ташкил менамояд, ки дар шуъбаҳои рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ таҳсил мегиранд.

– Дар донишгоҳи мо гузаронидани олимпиадаҳои гуногун ба ҳукми анъана даромадааст. Чанде муқаддам чунин олимпиада аз фанни сиёсатшиносӣ баргузор гардид. Дар он як гурӯҳ донишҷӯёне низ ширкат варзиданд, ки аз Ӯзбекистон омада таҳсил мекунанд. Онҳо дар ин олимпиада ҷойҳои ифтихориро низ ба даст оварданд, – мегӯяд Усмонзода.

Вай аз он ёдовар шуд, ки Шайхурраис Абӯалӣ Сино баъди он ки шоҳро муолиҷа кард, ба ҷои он ки соҳиби зару зевари зиёд шавад, хоҳиш намуд, ки аз хазинаи маъонии дарбор истифода кунад. Ибни Сино маҳз дар ҳамин китобхона бо мероси бузургони олам ошно шудааст. Китобхонаи донишгоҳи мо низ ҷои дӯстдоштаи устодону магистрҳо ва донишҷӯён мебошад.

Ба таъкиди ректор донишгоҳ ҳамасола баҳри тақвияти ҳамкориҳо бо мактабҳои олии мамолики хориҷӣ корҳои зиёдро ба анҷом мерасонад.

– Қобили зикр аст, ки Донишгоҳи давлатии Хуҷанд дар айни ҳол бо 90 чунин муассисаи таълими олӣ равобитаашро тавсеа бахшидааст. Донишгоҳҳои давлатии Гулистон, Фарғона, Самарқанд, Бухоро, Тирмиз ва Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи А.Навоии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон, дар баробари ин Донишгоҳи аграрии Пекин (Чин), Донишгоҳи давлатии иқтисодиёт, омор ва иттилооти Маскав, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург (Русия), Донишгоҳи Мичигани Ғарбӣ (ИМА), Донишгоҳи миллии радиоэлетроникаи Харков (Украина), Донишгоҳи давлатии Ӯш (Қирғизистон) аз зумраи ҳамин ҳамкорони мо мебошанд, – қайд намуд Усмонзода.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*ТОШКАНД – ХУҶАНД – ТОШКАНД.*

*Меҳмони «Овози тоҷик»*

# “ОВОЗИ ТОҶИК” – ДАРГОҲИ МУҚАДДАС

Вожаи “муқаддас” чанд маънӣ дорад. Дар “Фарҳанги форсии имрӯз” дар шарҳи ин вожа омадааст: 1. Шоистаи парастиш ё эҳтироми комил ба хотири хубӣ ё камол. 2. Мутааллиқ ё вобаста ба Худо. 4. Дорои кайфияти осмонӣ ё ғайримоддӣ. 4. Бисёр боарзиш ва гиромӣ.

Вақте мо мегӯем: Ватан, модар, забони модарӣ, хонаи падарӣ... муқаддас аст, ба маънии чоруми ин калима аст, яъне бисёр баарзиш ва гиромӣ. Дар ин навишта сухан аз вожаи “муқаддас” нест. Балки аз меҳмонест, ки баъди чанд даҳсола аз Душанбе ба идораи рӯзномаи “Овози тоҷик” омадаасту мегӯяд: “Ин даргоҳ барои ман муқаддас аст”.



Ин меҳмони азиз доктори илмҳои таърих, профессор Иброҳим Усмонов мебошад. Ӯ 10 сентябри соли 1948 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашти Тоҷикистон ба дунё омадааст. Хатмкардаи шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, дар вазифаҳои декани факултети филология ва журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Раиси кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон, мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа кардааст. Таълифоташ бо номҳои «Журналистика» (иборат аз чор ҷилд), «Таърихи журналистикаи тоҷик» (бо ҳаммуаллифии Давлат Давронов ва Наргис Усмонова), «Назарияи журналистика», «Жанрҳои публитсистика», «Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ», «Қоидаҳои одоби журналистика», «Тоҷикнома» (иборат аз се ҷилд) рӯйи чопро дидаанд.

Овоне, ки ӯ ба идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») барои таҷрибаомӯзӣ омад, хеле ҷавон буд. Ҳамагӣ бист сол дошту дар шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мехонд. Он вақт ходимони кунунии рӯзнома шогирдони мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ буданд ва шояд дар гӯшаи хаёлашон наомада буд, ки рӯзгоре фаро мерасаду дар ин даргоҳи муқаддас анъанаҳои пешинагонро идома медиҳанд.

– Соли 1968 дар рӯзнома, ки бори сармуҳарририаш бар дӯши Шавкат Ниёзов буд, Муҳаммадҷон Васфӣ, Тоҳир Олимбоев, ходимони нисбатан ҷавонтар Ҷонибек Қувноқов, Юсуфалӣ Мирзоев (хонаи охираташон обод бод) ва дигарон кору фаъолият доштанд. Дареғ, ҳамаи он азизон дар дилу ёди ман зиндаанду имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд, – иброз дошт донишманд. – Маро барои коромӯзӣ ба шоир, тарҷумон, рӯзноманигор, муҳаррири бахши маориф ва маданияти рӯзнома Муҳамадҷон Васфӣ вобаста карданд, ки ходимон аз рӯйи эҳтиром эшонро “Домулло Васфӣ” мегуфтанд. Устоди сахтгир дили меҳрбон доштанд. Дар рафти кор аз он кас бисёр чиз, аз ҷумла, дар асоси факту рақамҳо навиштани хабару мақоларо омӯхтам.

Рӯзе устод гуфтанд: “Иброҳимҷон, ба рухсатӣ баромаданиям. Ба ҷойи ман як моҳ кор мекардед. Аз маъмурият хоҳиш мекунам, ки маошатонро пурра диҳанд”. Вақте ба маънои “Оё метавониста бошам?” сӯяшон нигаристам, илова карданд: “Аз шумо дилам пур”.

Боварии устод бароям нерӯ бахшид. Бино ба нишондоди пирони кор, ба чоп омода кардани матолиби мухбирони ғайриштатӣ, аз ҷойи воқеа омода кардани хабару мақола ва гузоришҳои саривақтӣ дасти мо – таҷрибаомӯзонро ба кори журналистӣ рост мекард.

Устод Васфӣ Ҷонибекро бисёр ҳурмат мекарданд, ба мо «ҷавони боақлу фаросат ва донишманд, мебинед, дар оянда шоири тавоно мешавад» гуфта аз ғайбаш таъриф мекарданд. Мо бо Ҷонибек зуд унс гирифтем. Солҳои баъдӣ дар Тошканду Душанбе аз ҳоли ҳамдигар хабар мегирифтем. Ҷонибек бо корҳои эҷодии худ ба Тоҷикистон меомаду ман ҳамроҳи шогирдони таҷрибаомӯзам ба Ӯзбекистон мерафтам. Он солҳо донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон на танҳо дар шаҳри Тошканд, балки дар вилоятҳои Сурхондарё, Қашқадарё, Самарқанд, Бухоро, Намангон ва Фарғона низ таҷриба меомӯхтанд. Фолклоршиносонро ба Сурхондарё ва лаҳҷашиносонро ба Самарқанд мефиристодем...

– Боре дар соли аввали таҷрибаомӯзӣ бо ҳамроҳии аксбардори рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон», шодравон Сергей Заблотский ба хоҷагиҳои ҷамоавии тоҷикони «Ғалаба», ба номи Карл Маркс ва Максим Горкийи ноҳияи Ворошилов (ҳоло Сайҳунобод)-и вилояти Сирдарё барои омода кардани мавод аз ҳаёти пахтакорон рафтем, – гуфт ӯ дар идомаи суханаш. – Бо мардум зуд унс гирифтем. Шеваи тоҷикнишини ин хоҷагиҳо, ки рӯзгоре аз кухистони Нурато, бино ба хоҳишу иродаи ҳукумати он аҳд ба ин манзилҳо кӯч баста будаанд, бо шеваи мо – понғозиёни ноҳияи Ашт хеле наздик будааст. Онҳо низ мисли мо ҳиссачаи «оё»-ро дар шакли ихтисоршудаи «о» — «рафтедо?» («рафтед-оё?»), «омадедо?» («омадед оё»), «гуфтедо?» («гуфтед оё?») ба кор мебурдаанд. Маводро бо суратҳояш дар як рӯз омода кардем...

Рӯзномаи «Овози тоҷик» бароям аз он ҷиҳат низ азиз аст, ки ба бисёр намояндагони илму адаби тоҷик дар осмони эҷод боли парвоз бахшидааст. Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айнӣ яке аз таъсисгарони ин рӯзнома аст. Нахустин мақолаҳои таърихии ӯро ҳамин нашрия ба хонандагони тоҷик пешниҳод кардааст. Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров, олимони адабиётшинос Раҳим Ҳошим, адибон Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва дигарон бо ин нашрияи мӯътабар сарукор доштанд, шеъру мақолаҳояшон дар саҳифаҳои он чоп мешуд.

Инҷониб бо ҳамсарам, яке аз журналистони собиқадори Тоҷикистон — Марям Бозорова бори нахуст дар ҳамин даргоҳ шинос шудаем.

Вақте ба устоди сухан суол кардам, Шумо чанд сол декани факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будед, оё аз кори дастпарварони худ қаноатманд ҳастед? Гуфт:

— Бале, имрӯзҳо дастпарварони факултет дар бахшҳои гуногуни расонаҳои хабарӣ кору фаъолият доранд. Устодони донишгоҳ комёбиҳои онҳоро дида ва хабари пешрафташонро шунида, мисли боғбоне, ки дарахтҳои парваришкардааш самар додаанд, хушҳол мегарданд. Журналистони тоҷикистониро шояд хонандагони рӯзнома камтар шиносанд, вале фикр мекунам, бо номҳои ҳамватанони худ ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» — Тоҷибой Икромов, сармуҳаррири рӯзномаи «Ховар» — Олим Панҷизода, мухбирони собиқу имрӯзаи вилоятии рӯзномаи «Овози тоҷик» — Мирасрор Аҳроров, Нуралӣ Раҷаб, Неъмат Эшқувватов, Анорбой Назаров ва журналистони касбӣ Шаҳодат Раҳимова, Файзулло Каримов, ки дар солҳои гуногун факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардаанд, ошноянд. Журналистони дигари ӯзбекистонӣ Пайванди Гулмурод ва Қироншоҳ Шарифзода, ки дар Тоҷикистон кору фаъолият доштанду доранд, низ хатмкардагони шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонанд. Пайванди Гулмурод бозёфти журналистӣ мебошад. Ин бозёфт ба он маъно, ки шодравон журналисти патриот буд. Худаш дар матбуот кам фаъолият дошт, вале ҳамвора ҳамкорӣ мекард, ҳамзамон ба журналистони оянда бо нигоҳи журналистӣ дарс медод.

Ман аз устодони соҳа Қироншоҳ Шарифзода, Ҷовид Муқим, Сангин Гулов, Мурод Муродӣ, Аъзамҷон Азимов ва чанд нафари дигар, ки ҳамаи тору пудашонро ба ин касб бахшидаанд, бо ифтихор метавонам сухан гӯям.

**— Шумо чанд сол дар Тошканд набудед. Пойтахти моро чӣ гуна дарёфтед?** — суол кардам аз ӯ.

— Қабл аз он, ки ба суолатон ҷавоб диҳам, бояд бигӯям, ки бо иродаи сиёсии сарварони хирадманди ду мамлакат боз шудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ, роҳандозӣ гардидани рафтуои озод ба шодию хурсандии аҳли илму адаб, хоссатан, одамони одӣ афзуд. Бо ҳамсарам тавассути фурудгоҳи Тошканд ба Ҷопон, ки он ҷо писари калониамон ба сар мебарад, рафтанӣ будем. Ба ҳар ҷое, ки дил кашад, пой меравад. Нақша кашида будем, ки сари роҳ ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» низ медароем. Бемуболиға мегӯям, ки Тошканд ба таври шинохтанашаванда дигар шудааст. Кӯчаҳои фароху ҳамвор, рафтуои автомобилҳои гуногунтамғаи ватанӣ, биноҳои осмонбӯс ва маркету супермаркетҳои замонавӣ ба ҳусни пойтахти Ӯзбекистони Нав афзудаанд...

Сари як пиёла чой суҳбатамон тафсид. Вале меҳмонон шитоб доштанд, бояд баъди чанд дақиқа роҳи фурудгоҳи пойтахтро пеш мегирифтанд.

Онҳоро то дами дар гусел кардему дар худ гуфтам: «Профессору ҳамсараш инсонҳои хуб будаанд. Метавонистанд мисли баъзеҳо бо тамошои манзарае, боғе, хиёбоне вақтро кӯр карда, ба манзили умед раванд. Вале онҳо ин корро накарданд. Хостанд аз даргоҳи бароящон муқаддас — «Овози тоҷик» дидан кунанд...»

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# БОЗ ЯК МАСКАНИ ИЛМ ДАР САМАРҚАНД

***Имрӯзҳо таҳти сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат бобати беҳсозии сифати таълими олӣ ва густариш додани ҳамкориҳо дар ин самт чорабиниҳои муҳим андешида мешаванд. Аз ҷумла, сафари амалии ҳайати вакилони Донишгоҳи байналмилалии технологии Самарқанд ба Кореяи Ҷанубӣ исботи ин гуфтаҳо буда, хеле самарабахш анҷом ёфт. Ректори донишгоҳ Юсуф Абдуллоев бо як қатор муассисаҳои таълимӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмии Кореяи Ҷанубӣ меморандумҳои ҳамкорӣ ба имзо расонд.***

Ҳамчунин дар бораи бастани созишномаи ҳамкорӣ бо Донишкадаи илм ва технологияи пешрафтаи Корея дар рӯзҳои наздик мувофиқа карда шуд.

Дар асоси ин меморандумҳо дар самтҳои инжиниринги технологӣ, энергетикаи «сабз», технологияи иттилоотӣ, забони корейсии Донишгоҳи байналмилалии технологии Самарқанд бо Кореяи Ҷанубӣ оид ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ҳамкорӣ ба роҳ монда мешавад.

Ғайр аз ин, аз рӯйи кушодани коллеҷи технологӣ ва фарҳангии Корея дар назди Донишгоҳи байналмилалии технологии Самарқанд ба мувофиқа расиданд. Коллеҷи мазкур, ки аз оғози соли 2023 ба кор сар мекунад, мутахассисонро дар бахшҳои «энергияи сабз» (манбаи барқароршавандаи энергия), омодасозии барномасозони технологияҳои иттилоотӣ, тарроҳӣ (саноатӣ, иқтисодӣ, тарҳрезии сохтмонӣ) ва забони корейгӣ омода хоҳад кард.

Донишкадаи фарҳанг ва рушди Осиё вазифаи бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин намудани коллеҷро ба ӯҳда гирифт. Ҳванг Сунг Дон, директори шабакаи донишгоҳҳои Роҳи абрешим вазифаи роҳбарии ин коллеҷро иҷро мекунад.

Ҷонибҳо инчунин барномаҳои муштараки таълимиро, ки ҷавобгӯйи талаботи замон мебошанд, таҳия карда, омӯзиши мутақобилаи омӯзгорону профессорони донишгоҳҳо ва табодули донишҷӯён, истифода аз маводи таълимӣ, лоиҳаҳои илмӣ, мақолаҳо ва захираҳои китобхона, ташкили дарсҳои маҳорати муштаракро дар назар доранд.

Ин муассисаи таълимӣ аз моҳи январи соли 2023 250 донишҷӯро фаро мегирад, ки онҳо дар бахшҳои муҳандисии нафту газ, кимиё, истихроҷи маъдан, геология ва муҳандисии геологӣ таҳсил хоҳанд кард.

Ба маркази таълимӣ омӯзгорону мутахассисони варзида, ки дар марказҳои пешрафтаи таълимӣ ва илмию техникии кишварҳои Амрико, Аврупо, Осиё, Австралия ва Африқо кор мекунанд, аз ҷумла, ҳамватанони дар кишварҳои хориҷӣ фаъолиятдошта даъват карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи байналмилалии технологии Самарқанд дар бинои коллеҷи нақлиёти Самарқанд муваққатӣ фаъолият дорад.

Ҳоло дар шаҳри Самарқанд барои бунёди донишгоҳ дар наздикии дарёи Зарафшон 6 гектар замин ҷудо карда шудааст. То соли таҳсили оянда дар ин ҷо бинои 5 ошёнаи дорои 1000 ҷой, хобгоҳи донишҷӯён, лаборатория, толори варзиш, китобхона, бинои истиқоматӣ барои муаллимони хориҷӣ ва дигар иншоот сохта мешаванд.

— Доштани ҳамкорони боваринок вазифаи муҳим бароиояндаи донишгоҳ ва донишҷӯён аст, — мегӯяд Юсуф Абдуллоев. — Аз ин рӯ, мо аз ибтидои фаъолиятамон ба роҳандозии робитаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳу муассисаҳои илмии кишварҳои хориҷӣ, ҳам дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва ҳам дар самти фаъолияти касбӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунем. Дар ин самт таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ барои мо ниҳоят муҳим аст. Зеро ман чанд сол дар Кореяи Ҷанубӣ кору фаъолият доштам ва аз таҷрибаи пешқадами онҳо огоҳ ҳастам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125. Адади нашр 4724 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.